**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи: «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 - Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, ки шурои мазкур мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳоро аз рӯйи рамзи мазкур доро буда, диссертатсияи пешниҳодшуда ба он мувофиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Диссертатсияи номзадии Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи: «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» ба яке аз масоили мубрами илм ва амалияи мурофиаи судии ҷиноятӣ бахшида шудааст. Таҳқиқот бо дарназардошти талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва қонунҳо, натиҷаҳои амалишавии барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 сурат гирифтааст. Мубрамияти таҳқиқот дар он зоҳир меёбад, ки амалишавии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки бо мақсади амалӣ намудани принсипҳои конститутсионии адолати судӣ оид

ба парвандаҳои ҷиноятӣ, таъмини хифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз таҷовузҳои ҷинояткорона, ҳамчунин, таъмини воқеии кафолати ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, аз он ҷумла аз ғайриқонунӣ маҳдуд намудани ҳуқуқ ва таъқиботи беасос равона шуда, бо вуҷуди тағйиротҳо дучори мушкилотҳоест, ки ҳалли асосноки онҳо зарурати таҳқиқоти масъалаҳои назариявӣ ва амалиро ба миён меорад. Талабот ба такмил дода шудани танзими ҳуқуқии муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ки ба ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти судӣ бо иштироки бевоситаи тарафҳо муосидат мекунад, мубрам боқӣ монда, мавзуи таҳқиқот аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ муқарраротu конститутсиониро дар бораи ҳуқуқи ҳар як шахс ба ҳимоя ва дастрасӣ ба адолати судӣ таъмин намуда, онҳоро бо роҳи муқаррар намудани маҷмӯи кафолатҳои мурофиавӣ мушаххас мекунад. Ноил шудан ба адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз таҷовузи ҷиноятӣ афзалияти арзишҳо ва манфиатҳои ҷомеа ва таъмини адолати иҷтимоӣ, инчунин зарурати баррасии парвандаи ҷиноятиро танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ бе иштироки судшаванда ба миён овардааст. Лекин, қонун маҳдудиятҳои беасоси ҳуқуқҳои шахсро қатъиян манъ мекунад.

Қайд кардан зарур аст, ки мубрамии таҳқиқи мавзуи интихобгардида бо омӯзиши амалияи судӣ низ қисман асоснок мегардад. Рисоланавис масъалаҳои аҳаммиятноки баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшавандаро дар амалия мавриди омӯзиш қарор дода, баҳри бо риояи шарт ва асосҳои баргузории муҳокимаи судӣ бе иштироки судшаванда тавсияҳои судманд пешниҳод менамояд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти диссертатсионии Иноятзода Афрӯза Ислом аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ ва амалӣ мубрам ба шумор меравад.

**Дарачаи навгонии натичаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи Иноятзода Афрӯза Ислом рисолаи мустақили илмӣ-тахассусӣ арзёбӣ гардида, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин маротиба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва амалӣ вобаста ба муҳокимаи судӣ дар ғоибии судшаванда дар муҳокимаи судӣ баррасӣ шудани парвандаи чиноятӣ мавриди таҳлили илмӣ дар доираи меъёрҳои КМҶ ҶТ гузаронида шудааст, ки натичааш баҳри такмили конунгузории мурофиавии ҷиноятии кишвар мусоидат карда метавонад. Бо дарназардошти бениҳоят фарох будани доираи масоили мавзуи таҳкикгардида муаллиф тавонистааст, ки муаммоҳои дар назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия ҷойдоштаро мавриди омӯзиш ва таҳлил карор дода, пешниҳодҳои асосноки худро манзур намояд. Навгониҳои илмӣ шаходати натичаи таҳкикоти анҷомёфта дар доираи рисолаи номзадӣ мебошад.

Муаллиф хеле бамаврид кайд менамояд, ки таъмини адолат – ҳадаф ва мазмуни мурофиаи судиро ташкил дода, минбаъд самти ташаккули ҳукукро муайян намуда, онро то сатҳи фарҳангӣ ва меъёрҳои расмии ҳукукии мурофиавӣ муттаҳид намудааст. Ҳастии тарафҳо дар муҳокимаи судии парвандаҳои чиноятӣ заминаҳои таърихиву фарҳангии пайдоиш ва рушди худро дошта, фаҳмиши адолатро ҳамчун самараи тағйироти ҳадафнок ва марҳалаи рушди таърихӣ, чун қисми таркибии воқеияти ҳаёти ҷомеа инъикос намуда, бо гузашти айём дар Тоҷикистони муосир ба сифати василаи таъминкунандаи арзишҳои ичтимоиву ҳукукӣ эътироф гаштааст. Вале расидан ба максад ва ичрои вазифаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳамчунин такозо менамояд, ки дар баъзе мавридҳо бе иштироки судшаванда муҳокимаи судӣ баргузор гардад. Дар чунин ҳолатҳо, масъалаи дар доираи меъёри ҳуқуқӣ асоснокии таъин шудани он, риояи шарт ва тартиби мурофиавӣ, адолати судӣ аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо мекунад.

Акидаи саҳеҳ, кобили кабул ва ҳадафраси муаллиф дар робита ба риоя гардидани асос, шарт ва тартиби мурофиавӣ ҳангоми бе иштироки

судшаванда баррасӣ гардидани муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ шоистаи таҳсин аст.

Муаллиф ҳамзамон якчанд нуктаҳоеро ҷиҳати такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ оид ба таъмини воқеии кафолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ, аҳаммиятнок будани онҳоро қайд намудааст. Аз ҷумла муаллиф дар боби 3 зербоби 1 асоснок мекунад, ки айбдоршаванда ва ҳимоятгар бояд бо қарори ё дархост мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё тарафи айбдоркунанда оид ба муваққатан дур кардан аз вазифа (м. 114 КМҶ ҶТ) ва маводе, ки асоснокии дархостро тасдиқ менамояд то баррасии судии ин масъала шинос карда шаванд, ки имконият ва вақти кофӣ ба ҳимоя дошта бошанд (саҳ. 140 диссертатсия), ба андешаҳои муаллиф бо ин васила кафолати ҳимояи ҳуқуқу манфиати айбдоршаванда, хешовандони наздики вай инчунин манфиати корхона, ташкилот муассиса аз маҳдудкунии бе асос таъмин мегардад. Бинобар ин суд беғарази ва мустақилияти худро ба роҳбарӣ гирифта кафолати ҳимояи судиро таъмин менамояд.

Пешниҳод мешавад, ки агар зарурати ҳабси молу мулки судшаванда дар марҳилаҳои судӣ ба миён ояд судя ё суд ин масъаларо танҳо бо дархости яке аз тарафҳо (мақомоти таъқиби ҷиноятӣ) муҳокима намуда, дар ин бора қарор ё таъинот барорад, то ки бо ташаббуси суд бе иштироки тарафҳо татбиқ карда шудани ин чораи маҷбурӣ истисно карда шавад, ин пешниҳод воқеан амалӣ шудани ҳимояи судии ҳуқуқу манфиатҳои айбдоршаванда ва шахсони дигарро таъмин хоҳад кард. Ҳолатҳои мазкур баҳснок низ буда, иловатан асоснокиро талаб менамоянд.

Диссертант пешниҳод менамояд, ки ҳолати ҳуқуқии судшаванда бояд дар моддаи алоҳида 47.1 КМҶ ҶТ бо нишон дода шудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавӣ пешбинӣ карда шавад (саҳ. 115 диссертатсия).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Натиҷаҳои илмии дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодгардида, асоснок ва аз лиҳози мантиқӣ пайдарҳам мебошанд.

Унвочӯ маҷмуи назарияҳоро оид ба дастрасӣ ба адолати судӣ, ҳимояи судӣ, баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда ҳаматарафа таҳлил намуда, таҳқиқоти худро ҳамчун василаи ҳалли мушкилот дар ин самт муаррифӣ менамояд.

Ҳамзамон, диссертант вобаста ба доираи мавзуи таҳқиқоти анҷомдодааш сарчашмаҳои гуногуни илмиро аз ҷумла то замони шуравӣ, замони шуравӣ ва ҳам замони муосирро истифода намудааст. Дар ин замина, чунин изҳор намудан мумкин аст, ки муаллиф мавзуи мазкурро ҳамаҷониба бо дарназардошти даврахои гуногуни таърихӣ мавриди таҳқиқот қарор додааст. Ҳамчунин, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2018-2028), Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2021 ва қарорҳои Пленуми Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Хулосаҳои назариявие, ки дар доираи таҳқиқоти мазкур манзур шудаанд, дар пешрафти илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, хусусан ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ мусоидат менамоянд. Хулосаҳое, ки муаллиф пешниҳод менамояд ба такмили асосҳои назариявии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, таҳкими қонуният ва таъмини адолат ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, инчунин барои асоснок кардани зарурат, шарт ва дақиқ карда шудани доираи масъалаҳои мурофиавӣ, ки бе иштироки судшаванда ҳангоми баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ ҳал мешаванд ва таъмини кафолатҳои мурофиавии ҷиноятӣ, равона мешаванд. Зиёда аз ин, маводи диссертатсияи мазкурро дар раванди омӯзиши фанҳои «Мурофиаи ҷиноятӣ», «Расмиёти санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ», «Адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Назорати прокурорӣ», аз ҷумла курсҳои махсуси «Низоми судии

Ҷумҳурии Тоҷикистон». «Муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ», «Мавқеи ҳимоятгар дар мурофиаи ҷиноятӣ» истифода бурдан ба мақсад мувофиқ хоҳанд буд.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он низ зоҳир мегардад, ки хулоса ва пешниҳодҳои алоҳидаи он, ки дар диссертатсия инъикоси худро ёфтаанд, метавонанд ба сифати тавсияҳои методӣ дар фаъолияти мақомоти тафтишотию судӣ, инчунин ҳангоми кор карда баромадани маводи илмӣ-методӣ аз ҷониби муҳаққиқон, устодон ва донишҷӯёни мактабҳои олии ҳуқуқшиносӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Вобаста ба мавзуи диссертатсия ва муҳтавои асосии он аз ҷониби муаллиф 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигари илмӣ нашр шудаанд. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмии донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявию байналмилалӣ муҳокима карда шудаанд.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари ҷанбаҳои мусбат, дар диссертатсия масъалаҳое низ ҷой доранд, ки аз назари мо баҳснок мебошанд:

1. Дар зербобҳои боби 3 (саҳ. 130-163 диссертатсия) рисоланавис мавзуи баррасии таҳқиқоти диссертатсионии хешро васеъ таҳлил намудааст, ки ин ба объекти таҳқиқот, мавзуи (предмети) таҳқиқот (саҳ. 11 диссертатсия) ва бевосита ба номи рисола таъсири хешро расонида истодааст. Вобаста ба ном ва сохтори рисола сухан асосан дар бораи институти навтаъсиси "мурофиаи судии ғоибона" меравад, ки асоси онро қ.қ. 4-5 м. 280 ва дигар моддаҳои КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Аз таҳлилҳои муаллиф чунин эҳтимол ба назар мерасад, ки рисоланавис хостааст ин институтро бо дигар институтҳои ҳамшабеҳ ба риштаи таҳлил якҷо намояд, лекин ба мо ана ҳамин робита аз матни

диссертатсия муайян нагардид. Фикри рисоланавис дар ҳимояи ошкоро барои мо ҷолиби диққат аст.

2. Рисоланавис дар заминаҳои эмпирикии таҳқиқот махсусан ба он ишора менамояд, ки 110 адад парвандаҳои ҷиноятӣ дар давраи солҳои 2017-2024 мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд (саҳ. 12 диссертатсия). Ин ҳолат иловатан дар қисмати дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудааст (саҳ. 19 диссертатсия). Таҳлил матни диссертатсия, ки бевосита пурмазмун ва ҷолиби хониш аст, моро водор намуд барои мушаххас намудани ин ҳолат дар амалияи судӣ. Дар матни диссертатсия танҳо дар ду ҷой (саҳ. 120 ва 135 диссертатсия) таҳлили амалияи судӣ оварда шудааст. Ба андешаи мо, дуруст ва қобили қабул мебуд, агар рисоланавис дар шакли замима таҳлили пурраи ин институтро ва ҳолати воқеии ҷой доштани маълумоти омории муфассалро дар бораи ин қабил мурофиаҳо дар он тавсиф менамуд.

3. Рисоланавис, бо мақсади ислоҳ ва ба як низоми мукаммал овардани институти таҳлилшаванда, дар нуктаи №9 ба ҳимоя пешниҳодшаванда (саҳ. 16-17 диссертатсия) ва дар дигар қисматҳои матни диссертатсия (саҳ. 68-70; 85; 99; 113-117; 127-129; 146-148; 160-163 диссертатсия) механизми ворид намудани тағйирот ва иловаҳои дахлдорро коркард кардааст. Ин тағйирот ва иловаҳои дахлдор танҳо барои КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқият дорад. Муаллиф, ба фикри мо, аз таклифҳои судманд ҷиҳати воридсозии тағйироту иловаҳои мушаххас ба қарорҳои Пленуми Суди Олӣ ва фармонҳои дахлдори Прокурори генералӣ худдорӣ намудааст. Ҳарчанд, аз матни диссертатсия таклифҳои зиёди судманд рӯйи кор омада метавонист ва ҳамагон маълумот доранд, ки суд бо прокурор дар амалӣ гаштани ин институт ва дар маҷмуъ дар мурофиаи судии ҷиноятии ватанӣ нақши бориз доранд.

4. Ба рисоланавис тавсия дода мешавад, ки ҷиҳати дар оянда такмил додани мавзуи мазкур, таҳқиқотҳои хешро бо таҳлилҳои мушаххаси фаъолияти судӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти адвокатӣ ва

фаъолияти мурофиавии ҷиноятии мақомоти тафтишоти пешакӣ якҷоя намуда, онҳоро дар шакли замимаҳо (таблитсаҳо, диаграммаҳо, тарҳҳо ва м.и.) коркард намояд. Бо таҳлили пурраи маълумоти омории муфассали фаъолияти мақомоти судӣ, хифзи ҳуқук ва адвокатӣ масоили дигари ҳалталаби ин институт ба муаллиф аён мегарданд, ки мубрамият ва зарурати ташкил ва гузаронидани таҳқиқоти иловагиро тақозо менамоянд.

Бо вуҷуди чунин нуктаҳои баҳснок, таҳлили мавзуъ дар сатҳи муносиби таҳқиқотӣ сурат гирифта, эродҳои ишорагардида хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Дараҷаи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя манзур шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию назариявӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамояд.

**Қисмати хотимавии тақриз**. Дар маҷмуъ, дастовардҳои дар раванди таҳқиқот бадастомада ба такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти мақомоти тафтишотиву судӣ ва таъмини иштироки судшаванда дар баррасии судии масъалаҳои мурофиавӣ аҳаммияти муҳим дорад. Зеро дар доираи таҳқиқот масъалаҳое мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ки имрӯз дар илм ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ баҳснок арзёбӣ мешаванд.

Тавсияҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшударо мумкин аст барои таҳия намудани барнома ва консепсияҳои рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ истифода намуд. Дар баробари ин, натиҷаҳои диссертатсия метавонанд дар раванди таълим ҳамчун васоити таълимӣ истифода карда шаванд. Ҳамин тавр, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Иноятзода Афрӯза Ислом сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, омода карда шудааст.

**Муқаррizi расмӣ:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
муовини сардори Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм Раҳмадҷонзода Р.Р.

**Имзои Раҳмадҷонзода Р.Р.-ро тасдиқ мекунам:**
И.в. сардори шуъбаи кадрҳо Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
полковники милитсия Камолӣ З.Б.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3; Тел.: (+992 37) 226-28-01; факс: (+992 37) 226-60-43. Веб-сомона: www.avkd.tj; Email: avkdtj@mail.ru

27.03.2025.